Мл тоз 1
Қ-69

# ҚИССАИ ПОДШОҲ ВА ДУ ҒУЛОМ

5



Ми тоҷ 1
Қ-69

АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ ПОДШОҲ ВА ДУ ҒУЛОМ

# 5

16119 2/3
аб

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Рассом *О. Шемелина*
Муҳаррир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи панҷум.

ISBN 978-99947-2-113-9

© Нашриёти «Адиб», 2011



Подшоҳе аз бозор ду ғулом хариду ба хона овард ва хост, ки бо онҳо сӯҳбат карда, чӣ буданашонро фаҳмида гирад.

Ғуломи якумро, ки дар назар боақлтар менамуд, ба наздаш хонд. Воқеан, он ғулом чеҳрағарм, гапдону ҳозирҷавоб буд ва лаҳзае аз гуфтан бознамеистод.

Подшоҳ ба ӯ гуфт:

– Ба гармоба раву сару рӯи худро пок карда, баъд ба наздам биё.

Ҳамин ки Ғуломи якум рафт, подшоҳ Ғуломи дуюмро ба наздаш даъват кард. Вай бадрӯй буду дандонҳои сиёҳи кирмхӯрда дошт.

Подшоҳ гуфт:

– Дуртар биист, ки бӯи бади даҳонат ба ман нарасад.

Ва илова кард:

– Дар бораи дӯстат Ғуломи якум чӣ ақида дорӣ? Вай туро беадаб, фиребгар, дурӯғгӯ ва бевафо номид.

Ғуломи дуюм, ки бадрӯю баднамуд буд, бо камоли хоксорию муҳаббат ҷавоб дод:

– Вай дӯсти ман аст. Дар ҳақи ӯ бад гуфта наметавонам.

Подшоҳ пурсид:

– Дӯстат туро бад гуфт. Ту чаро намегӯӣ?

Ғуломи дуюм ҷавоб дод:

– Ӯ дӯсти ман аст. Вай рӯи маро дида метавонад, ман рӯи ӯро дида наметавонам. Яъне вай ҳама айбу нуқсамро дуруст медонад. Ва ҳар чӣ дар бораи ман мегӯяд, ҳақ аст.

Подшоҳ гуфт:

– Охир вай туро бисёр бад ғуфт.

Ғуломи дуюм давом дод:

– Дӯсти ман бисёр поку бавиҷдон, баихлосу бовафост. Айби ӯ он аст, ки дурӯғ намеғӯяд, ҳама кораш аз рӯи меҳру муҳаббат аст.

Подшоҳ, ки ғуломони худро имтиҳон карданӣ буд, Ғуломи дуюмро ҷавоб доду Ғуломи якумро аз гармоба ба наздаш даъват кард. Он Ғулом боз ҳам хубрӯйтар ба назар меомад.



Подшоҳ ба Ғуломи якум гуфт:

– Дӯсти ту дар ҳақи ту бисёр суханҳои бад ба забон овард. Гуфт, ки ту дурӯғгӯю бевафо ҳастӣ. Суханҳои ҳарзаат бешумор аст.

Ғуломи якум чун инро шунид, ғазабаш ба ҷӯш омад, забон кушод:

– Ин ғулом ноодаму беимон аст. Табъаш аз табъи саг пасттар аст. Аз ӯ дӯстиву бародарӣ намеояд. Саропояш макр асту бадӣ. Аз ӯ алҳазар!



Подшоҳ, ки гуфтаҳои Ғуломи якуми хубрӯю сухандонро гӯш мекард, ӯро аз гапзанӣ боздошт ва гуфт:

– Аз назди ман дур шав! Ҳарчанд қаду қомату чеҳраи зебо дорӣ, ботини ту нозебост. Зеро даруни ту аз кинаву душманиву бадӣ пур аст. Он Ғуломи дуюм дандонҳои пӯсидаву рӯи зишт дошта бошад ҳам, дилу дидаи пок ва ботини зебо дорад. Акнун вай Ғуломи якум асту ту Ғуломи дуюм. Яъне, ба ӯ итоат мекунӣ ва фармонҳояшро ба ҷо меорӣ.

Ғуломи хубрӯю бадзабон хиҷилу шармсор берун рафт ва подшоҳ ба худ гуфт:

– Сурат дигару сират дигар. Суратро чашм мебинад, сиратро гуфтору рафтору кирдори одам намоён мекунад. Суратро дида, ба сират баҳо додан хатост.

**ҚИССАИ ПОДШОҲ ВА ДУ ҒУЛОМ**

*(Барои хонандагони хурдсол)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 3.08.2011. супорида шуд.
Чопа 8.08.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60x84 1/8.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

ООО «Орбита» ш. Душанбе,

9 789994 721139